# Танҳо барои духтарон!

**Оиди муносибат байни бача ва духтар**

**Мундариҷа:**


1. Аз ҳама аввал...

2. Гап дар бораи дили ту рафта истодааст

3. Фикрҳои мард аз фикрҳои зан фарк мекунанд

4. Дурӯғҳоеро ки ҷавонон бовар мекунанд

5. Бигрез

6. Аз пайи... бирав

7. Агар вақташ омада бошад...

8. Хотима




## 1. Аз ҳама аввал...

***А. Аз куҷо хабар дорӣ?***

Мо мехоҳем ба ту савол диҳем:



1. Аз куҷо мефаҳмӣ, ки чӣ мӯътадил (нормал) аст?

   *Оё аз телевизор?*
   *Оё аз волидону хешу табор?*
   *Оё аз муаллим?*
   *Оё аз интернет?*
   *Оё аз дугонҳоят?*
   *Оё аз куҷа?*
   *Ғайра?*

2. Дар куҷо оиди муносибат байни марду зан шунидаӣ?



*Оё*
*... дар мактаб?*
*... аз даҳони дӯстонат?*
*... аз даҳони хешу табор?*
*... дар китоби илмӣ?*
*... ба воситаи интернет?*
*... ба воситаи матнҳои сурудҳо?*
*... ғайра?*



Агар хоҳӣ ё не, муҳитат ба ту таъсир мекунад ва мехоҳад ба ту ёд диҳад, ки чӣ дуруст ва мӯътадил аст ва чӣ не.
Вале на ҳама бо ту оиди чӣ дуруст будани муносибат байни бача ва духтар ҳамфикр ҳастанд. Дугонаҳоят ақидае доранд, модарат

фикри гуногун дорад ва муаллимаат боз дигар. Набошад, аз куҷо мефаҳмӣ, ки кӣ рост мегӯяд?




***<u>Б. Тайёра ва ман...</u>***

Касе тайёраро ихтиро кард. Ӯ албатта  аз ҳама нағз медонад, ки ҳамон чӣ тавр дуруст кор мекунад. Ва агар онро ба кор фармоянд, аз ихитирочӣ мепурсанд.

**Худо моро офарид, ҳам ҷинсҳои гуногуни моро. Бинобар ин танҳо Каломи Худо оиди ҷинсият ба мо дуруст мефаҳмонад!**

Забур 118:9 ба мо ёд медиҳад, ки чӣ кор бояд кунем:
*Ба чӣ васила ҷавон роҳи худро покиза медорад? Бо нигоҳ доштани худ мувофиқи каломи Ту.*

Баъзе масеҳиён Китоби Муқаддасро кам мехонанд. Ба онҳо шавқовар нест, ки Худо чиро мегӯяд. Дигарон онро хонда наметавонад дар зиндагӣ ба кор баранд. Аммо ин тавр набошад. Худо дар Каломаш оиди ҷинсият (яъне ҷинсҳои марду зан) бисёр чизҳоро гуфтааст ва мехоҳад, ки ту онро фаҳмӣ.
Пеш аз ҳама, дар зиндагият ба кор бурдани Каломи Худоро ёд бигир. Китоби Муқаддас на рӯйхат барои ҳал кардани мушкилиҳо аст, на луғат, на энсиклпедия, балки китобе ки аз ҳикояҳо иборат аст. Аз қаҳрамонони Китоб ибрат бигир.
Барои зиндагии ҳозираи худ Китобро бо фоида бояд хонӣ. Юҳанно 17:15 мегӯяд, ки Исои Масеҳ мефаҳмонад, мо аз ин ҷаҳон нестем, лекин дар ҳамон зиндагӣ мекунем.

Чӣ қадар ба Масеҳ ва фикрҳои Ӯ наздиктарӣ, зарар камтар мебинӣ ва хушбахттар мешавӣ!

**Меъёри Худо ба баъзе мардум бисёр танг аст, лекин он чизе ки Худо манъ кардааст, барои ҳифзи мо аст. Худо хусусан ба занону духтарон паноҳ додан мехоҳад!**

***<u>В. Ҷинсият – танҳо сабабгори мушкилиҳост?</u>***



Худо одамро офарид ва гуфт, ки танҳо мондани ӯ хуб нест. Ӯ метавонист боз як марди дигар офарад ва масъалаи фарзанддоршавиро дигар хел ҳал кунад, аммо Ӯ чунин накард.
***Барои чӣ?*** Ӯ ду хел ҷинс хост. Ҷинсият тӯҳфаи Худо ба одам аст ва ҳама корҳои Худо поканд, лекин Худованд якбора қоида барои ба кор бурданаш ба одам низ дод: Ҳастӣ 2:24 мегӯяд, ки танҳо оиладорӣ чорчӯбаи мувофиқ аст. Зан мӯҳтоҷи паноҳ аст, ва инчунин кӯдаконе ки баъд таваллуд мешаванд.
Китоби Муқаддас се гуна ҳолат мешиносад (ба ғайр аз бевагӣ ва талоқшуда): муҷаррад (= бешавҳар), номзад, оиладор. *«Гаштан»* дар Каломи Худо вуҷуд надорад. Таъсири ҷамъият низ дар ин маврид маълум мешавад: <u>одат шуд, ки бачагон бо духтарони наврас мегарданд.</u> Ва гаштани онҳо сабабгори мушкилиҳои бисёр мешавад, чунки ин аз рӯи хости Худо нест.

Муҷаррад буданат вақти омӯзиш аст: ту барои дигарон ҷавобгарӣ гирифтанро ба таври умумӣ ёд мегирӣ, сабру тоқатро ва низ худдориро. Агар ту инро дар он замон ёд нагирӣ, чӣ тавр ту метавонӣ умедвор бошӣ, ки онро баъди оиладоршавӣ метавонӣ?

Баъзе набрасон мегӯянд, ки гаштани онҳо танҳо бозӣ аст ва ҳеҷ ҷиддияте надорад. Лекин ҳоло мебинем, ки як қадам ба қадами дигар ҳамроҳ мешавад. Зараре ки онҳо ҳам дар ҷон, ҳам дар бадан бо чунин «бозӣ» ба худ мерасонанд, умрбод пай мемононад.



***Г. Зино чист? Бевафоӣ. Бевафоӣ нисбати кӣ?***

1. Нисбати Исои Масеҳ: Ӯ туро бо нархи гарон харид ва Ӯ соҳиби баданат низ аст (1Қӯр. 6:19ва 20).
2. Нисбати Шавҳаршандаат: Ту ҳоло оиладор нестӣ, аммо мумкин ягон рӯз оиладор мешавӣ. Ва ҳар гуноҳеро, ки ту ҳозир содир мекунӣ, зидди шавҳариояндаат содир мекунӣ!



**2. Гап дар бораи дили ту рафта истодааст**

***А. Дили худро бишнос!***

Дар Ирмиё 17:9 навиштааст: *Дил аз ҳама маккортар аст, ва он шифонопазир аст; кист, ки онро тавонад дарк кунад?*

Дар худ қувват надорӣ. Мо масеҳиён фаҳмидем, ки ба мо дили нав даркор аст. Ва Худо инро ба воситаи Исои Масеҳ ба мо дод. Аммо табиати кӯҳнаи мо то ҳол намурд ва мо дар ҳар маврид бо ин мубориза мебарем

Шахсе ҷанги рӯҳониро дар дили мо ба як саги ваҳшӣ ва паррандаи зебо монанд кард. Ҳар дуи



онҳо бо занҷир ба ҳам пайvananд: Агар сагро хӯронӣ, парранда лоғар шуда аз паридан мемонад, вале агар паррандаро хӯронӣ, ӯ парвоз карда саги лоғаршударо мебардорад. Ҳамин тавр ту нигоҳ кун, ки табиати кӯҳнаатро «нахӯронӣ», балки табиати навро.

Ҳар синни одам ё ҳар фаза осмоишҳои худ дорад. 2Тим. 2:22 мегӯяд:
*Аз шаҳавоти(= ҳавасҳои ҷисмии) ҷавонӣ бигрез ва бо ҳамиаи онҳое ки Худодвандро аз самими қалб мехонанд, аз паи адолат, имон, муҳаббат ва осоиштагӣ бирав.*



**Аскаре ки медонад, душман аз кадом тараф меояд, тайёрӣ дида, дар ҷанг бурд мекунад.**

Масалҳо 4:23:
*Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор, зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст.*



Ё бо калимаҳои дигар:

*Дилатро нигоҳ дор, чунки ҳама чиз дар зиндагият аз он мебарояд.*

Он чизе бо ки фикран машғулӣ, амалро ба вуҷуд меоварад. Мо дили ҳамдигарро намебинем, аммо рафторат нишон медиҳад, ки дар даруни дилат чист. Исои Масеҳ мегӯяд, ки бадӣ аз даруни дил мебарояд.
Ба худ савол доданро ёд гир! Таҳлил кун! Намон, ки дигарон барои ту фикр кунанд.

Масалан ба худ чунин савол деҳ:
- Барои чӣ ин ё он  майкаро пӯшидаам?
- Барои чӣ ба ман ранг кардан (косметика) муҳим аст?
- Ман бо либоспӯшӣ ва чунин корҳоро чӣ мақсад дорам?
- Чиро ё киро ҷалб кардан мехоҳам? Барои чӣ?



***<u>Б. Ганҷи қиматбаҳо</u>***

Исо Сарвари баданат аст (1Қӯр. 6:20). Агар ту бовар мекунӣ, ки Ӯ ҳатто бадани Худро дод, то ки ба ту наҷот диҳад, ту бадани худро барои Ӯ пок нигоҳ дор!

**Худо туро бисёр зебо офарид (Забур 138), лекин қариб ки духтар нест, ки дар пеши оина рӯҳафтода намешавад, мӯйи сар, бинӣ, чашмҳо, дандонҳо, пӯст, гӯш...**

Ту фикр мекунӣ, ки ту зебо нестӣ ва ноустувор мешавӣ. Ин хоси наврасӣ аст. Хавотир нашав! Мо ба ту як маслиҳати хубро зидди комплекс оиди зебоӣ дода метавонем: камтар ба оина нигоҳ кун! Чизҳоеро ки ту дар он ҷо мебинӣ, танҳо ту мебинӣ ва танҳо ту худро сахт ҳукм мекунӣ.



***<u>Г. Эҳтиёҷоти одамӣ</u>***

*а) Эҳтиёҷи паноҳ*

Духтар аз бача дида инро зиёдтар ҳис мекунад. Аслан духтар паноҳ ёфтан мехоҳад ва мард паноҳ додан.

Тассадуф нест, ки Яъқуб дар назди чоҳ сангро танҳо ҳангоми омадани Роҳил бардошт (Ҳастӣ 29:1 ва давом)ва бо ин кор худро нишон дошт.

*б) Эҳтиёҷи тааллуқдошт*

Ҳар одам мехоҳад ба як гурӯҳ тааллуқ дошта бошад. Танҳо агар дар ҳамон ҷойи худро ёфтааст, ӯ худро роҳат ҳис мекунад, масалан дар хешу табор, дар мактаб, дар доираи дӯстон ва ғайра.

*в) Эҳтиёҷи меҳр*



Одам мӯҳтоҷи меҳру муҳаббат аст. Сталин забони аслии одамиро ёфтан хост ва бо чандин тифлакон таҷрибае гузаронд. Ба ҳамшираҳое ки онҳоро нигоҳ мекарданд, ӯ манъ карда буд, ки бо навзодон гап зананд ё онҳоро ягон хел навозиш кунанд. Ҳама кӯдакон байни мӯҳлати кӯтоҳ мурданд! Одам бе меҳр зиндагӣ карда наметавонад.

Ҳама ин се эҳтиёҷот дар муносибати зану мард қаноатманд карда шуда метавонанд. **Аммо байни меҳри ҳақиқӣ ва ҳиссиёти фиребдиҳанда** фарқ кардан даркор аст. **Шабпаракҳо дар шикам, романтика ва ошиқӣ** мисли хонаи аз харта сохта шуда аст: хушрӯ, аммо сабук ва гузарон аст. Баъди вайроншавӣ танҳо ахлот мемонад.



Худо дар Суруди Сурудҳо, ки хондани онро яҳудиён танҳо ба оиладорон иҷозат медоданд, нишон медиҳад, ки муҳаббат чист:



Сур.сур. 8:6 тасвир медиҳад, ки муҳаббат қувваи бисёр калон ва ба шапаракҳо ягон монандӣ надорад:

*Муҳаббат мисли марг пурзӯр аст, ва равиши он мисли дӯзах бераҳм аст; барқҳои он барқҳои оташ аст, алангаи илоҳист. Обҳои бисёр наметавонад муҳаббатро хомӯш кунад, ва наҳрҳо наметавонад онро фурӯ нишонад.*

<u>Д. Равиши биологӣ</u>



Ноустуворӣ дар ҳиссиёт хоси ҷинси зан аст. **Имрӯз ҳама чиз зӯр аст, пагоҳ танҳо гиря кардан мехоҳӣ.** Духтари ҷавон ҳайзро (=менструатсия) танҳо ҳамчун чизи нодаркор ҳис мекунад ва бисёр занон фикр мекунанд, ки ин “сикл” фақат барои фарзанддорӣ лозим аст. Аммо чунин нест.
Дар байни бистуҳашт рӯз дар баданат химияи зиёд ба ҷунбиш меояд. Аксарияти занон ва духтарон пеш ё ҳангоми дармандии моҳона бисёр асабӣ мешаванд. Ва донистани он хуб аст. Норозигии ту аз ҳама чиз ва ҳама каса як қисми «сикл»-и ту аст. Баъди он ки духтар ё зан боз пок мешаванд, равиши борваршавӣ сар мешавад. Зан дар як моҳ танҳо як бор ҳомила шуда метавонад ва дар ин вақт ӯ бадани худро зиёдтар ҳис мекунад. Ӯ нисбати ҷинси дигар ҳушёртар аст.

Равоншиносони ҷаҳонии номдор мегӯянд, ки одам қурбонии ҳавасҳояш аст ва акнун худро дар ин замон идора кардан наметавонад, аммо ин дурӯғ аст. **Дар Масеҳ одам қуввати Рӯҳулқудс дорад ва метавонад муқобили ҳар ҳавас истодагарӣ кунад. Мо дигар ғуломи гуноҳ нестем, мегӯяд Каломи Худо.** Вагарна мо мисли ҳайвон мебудем. Донистани

фактҳо оиди  ин гормонҳое ки дар ту ҳастанд, ба ту ёрдам медиҳанд, ки аломатҳои бадани худро беҳтар мефаҳмӣ.

## 3. Фикрҳои мард аз фикрҳои зан фарқ мекунад

Ҳастӣ 1:27 мегӯяд, ки Худо одамонро ҳамчун марду зан офарид. Фарқ надорад, аз кадом қисми бадан ҳуҷайраеро ҷудо карда дар лаборатория тафтиш мекарданд: ҳама ҳуҷайраҳои ту зан будани туро исбот мекунанд!



### *А. Бача дар мавриди ҷинсӣ худ ба худ бедор мешавад, духтар бошад дар худ ором аст*

Бинобар ин ҳама чизро ба таври ҷуъзӣ фаҳмондан намехоҳем. Чизе ки то ҳол хоб аст, бигзор дар хоб бошад. Оиди ҷинсият бо бача дигар хел гап задан даркор аст, барои ҳамин ин китобча «Танҳо барои духтарон» ном дорад.

### *Б. Духтар бо зоҳирии худ бачаро ҷалб мекунад, духтар бошад ба ламс шудан бисёртар аҳамият медиҳад*

Инро исбот кардан осон аст: Умуман гуфта духтар ба дастони бача аҳамият медиҳад, бача ба дасти духтар он қадар не. Бачагон ҳаст, ки бисёр "меҳрубон" ҳастанд ва ҳама вақт духтарро мерасанд. Аз чунин одамон эҳтиёт шав!

Лекин баръакс ҳам маълум аст: Дар реклама ҷинсият бисёр ба кор бурда мешавад: Духтари нимпӯшида дар болои мошин мешинад, ва он мошин аллакай беҳтар ба фурӯш меравад.

Ин суйистифодаи ҳаваси мард аст.

***Масалан як реклама барои фурӯши панир нишон медоданд. Як духтар  дар даруни лаби дарё шино мекунад. Ва ногаҳон сурати панир аён мешавад... Акнун панир ба зани шино мекарда чӣ алоқа дорад?***

Дисайнерҳои мӯд мардон ҳастанд ва онҳо мехоҳанд пул кор кунанд. Онҳо медонанд, ки духтарон бо нози худ мардонро ҷалб карда метавонанд, бинобар ин мӯд ба духтарони масеҳӣ кам чизҳои хубро пешниҳод карда метавонад. Барои чӣ чизҳои зеринро мепӯшӣ?





Майкаи танг, шими танг, юбкаи калта, курта бо вишевкаи калон, футболкаи кӯтоҳ (ноф намоён), майкаҳои бекитфӣ?

Китоби Муқаддас оиди либоспӯшӣ чиро ёд медиҳад?

Павлус ба бачаи ҷавон маслиҳат оиди занон дода буд:

*Ва занон низ дар сару либоси шоиста маҳҷубона (=боодоб) ва боисмат бошанд ва худро на бо мӯйбофӣ, на бо тилло, на бо марворид ва на бо либосҳои гаронбаҳо оро диҳанд, балки бо аъмоли нек, чунон ки ба занони парҳезгор муносиб аст. 1Тим. 2:9*

Оё ту фикр кардӣ, ки кадом гуна бачагонро бо либосат ҷалб мекунӣ?

Оё ту фикр кардӣ, ки ту барои бародари худ дар Масеҳ, ва хусусан барои ҷавонон, санги пешпо шуда мешавӣ?

Муносибат байни хоҳарон чӣ хел мешавад, агар ҳама худро дар мусобиқаи Мис Тоҷикистон ҳис мекунанд?

**Худро паст накун. Ба “обект” мубаддал нашав!**



**<u>4. Дурӯғҳое ки ҷавонон бовар мекунанд</u>**

Ҳавво бовар накард, ки Худо чизи беҳтаринро ба ӯ додан мехоҳад (Ҳастӣ 3). Ирм. 2:13 мегӯяд, ки одам роҳи дигареро ҷуст ва чизи хуби Худоро хор дид:
*Маро (= Худо), ки чашмаи оби ҳаёт ҳастам, тарк карда, барои худ сардобаҳо канданд, сардобаҳои кафидае ки наметавонад обро нигоҳ дорад.*

Аз худ пурс, оё ба ин дурӯғҳои зерин ҳам бовар мекардӣ? Амалҳоят чиро фош мекунанд?

**Дурӯғҳо ва дар қавс: *ростӣ*:**

- “Касе ки зоҳиран хушрӯ аст, низ ботинан чунин аст”

  ***(Латофат [= зебоӣ] назарфиреб ва ҳусни ҷамол ҳеҷу пуч аст. Масл. 31:30)***

- “Барои худро хушрӯ карданам ман саҳарӣ дар пеши оина вақт меёбам, аммо на барои хондани Китоби муқаддас!”

  ***(Бигзор зебоии шумо на ороиши зоҳирӣ... балки одамишти ботинии самимӣ дар рӯҳи ҳалиму сокити бефано бошад, ки ин дар назари Худо гаронбаҳост. 1Петр. 3:3 ва 4)***

- “Ман танҳо дар бораи ин ё он бача фикр карда метавонам ва вайро аз хотир бароварда наметавонам. Ин ошиқӣ нест, ин... ин муҳаббати ҳақиқӣ аст”

***(Муҳаббати ҳақиқӣ сар медиҳад, чунки нафъи худро толиб нест! 1Қӯр. 13:5)***

- “Ҳозиразамон ба замонҳои пештара фарқ дорад ва мо наврасон аз наслҳои пеш озодтарем”

***(Каломи Худо доимист ва қоидаҳои Ӯ барои ҳама наслҳоянд!)***

- “Худо хасис аст ва намехоҳад, ки мо хурсандӣ кунем”

***(Шайтон ба Ҳавво ҳамон чизро гуфта буд ва аз чизи бисёр зебо чизи бисёр бад баромад. Натиҷааш фарзандони беоила, занону мардони талоқшуда, нопокӣ, абортҳо … – магар ин хурсандист?)***

- “Ҳама чиз дар контроли мо аст. Ману дӯстам танҳо мегардем ва албатта ба қадами охирин намерасем”

***(Ту аз куҷо медонӣ? Ҷинсият берун аз чорчӯбаи Худо аждар мешавад! Ва оё ту медонӣ, ки чӣ қадар чиз дар ҷонат вайрон мешавад? Хусусан барои духтар марди аввалин дар ҳаёташ аз ҳама таъсирбахш аст – ва чӣ гуна хуб, агар ин марди охирин бошад!)***

- “Павлус гуфт, ки ба ман чун масеҳӣ ҳама чиз мумкин аст – набошад ман озод ҳастам”

***(Ҳа, лекин ӯ оиди чизҳое сухан гуфт, ки дар худ бетарафанд, на дар бораи он чизҳое ки Калом гуноҳ меномад.)***

- “Ман фаҳмидам, ки бо бачагон гаштан хуб нест, ман танҳо бо онҳо  ишқварзӣ (флирт) мекунам”

***(Ту бо ҳиссиёти дигар кас бозӣ мекунӣ, ин гуноҳ аст.)***

- “Гаштан зиндагиро шавқовар мекунад”

***(Афсӯс агар чанг, рашқ, муносибати ҳалнакарда барои ту шавқоваранд.)***

- “Ӯ танҳо бародарам дар Масеҳ аст. Ман метавонам бо ӯ танҳо дар кӯча гардам ё сӯҳбатҳои шахсӣ дошта бошам”

***(Ҳушёр бош, ӯ ҳам мард аст-ку!)***

- “Ман бо бачагон намегардам, мо танҳо дӯстони хубем”

***(Аҷоиб, Китоби Муқаддас дар бораи муносибати ду ҷавони гуногунҷинсе ки ҳамту дӯстанд, ҳеҷ чизро намедонад! Дӯстӣ байни духтар ва бача нест (бача ҳеҷ гоҳ ба ин бетараф нигоҳ намекунад). Ҷавонмардоне ҳастанд, ки рози дил танҳо ба духтар мекушоянд, аммо Китоб ёд медиҳад, ки рӯйи мардро бо рӯи марди дигар тез мешавад (Мас. 27,17). Намон, ки бача дар пешат дилаш кушояд – ин ҳам ба ту, ҳам ба ӯ зарар мерасонад.)***

- “Ман калон ҳастам ва ақл дорам-ку”

***(Бибӣ Ҳавво инро ҳам фикр мекард)***

- “Ӯ маро дӯст медорад, бинобар ин ӯ интизор шудан намехоҳад”

  ***(Муҳаббати ҳақиқӣ интизор мешавад, 1Қӯр. 13:7)***

- “Ӯ маро ба муносибат доштан маҷбур мекунад. Агар розӣ нашавам, ӯ худро мекушад”

  ***(Чунин ҷавонмард барои муносибати ҷиддӣ ҳанӯз хом аст. Ӯ тайёр нест. Аз ин гуна муносибат зуд даст кашидан барои ту хубтар аст.)***

- “Оё муҳаббат гуноҳ буда метавонист?”

  ***(Агар ин муҳаббат мебуд! 1Қӯр. 13 муҳаббати ҳақиқиро тасвир медиҳад!)***

- “Ӯ нағз мебинад, агар либоси танг пӯшам ва худамро ранг кунам”

  ***(Мумкин, лекин ин гуна бача низ фикр мекунад, ки ту барои як таҷриба дар зиндагӣ хуб ҳастӣ, вале чунин духтар чун арӯс интихоб намекунад.)***

**<u>5. Бигрез</u>**

2.Tim. 2:22-ро ба хотир оварем:

*Аз шаҳавоти(= ҳавасҳои ҷисмии) ҷавонӣ* ***<u>бигрез</u>*** *ва бо ҳамаи онҳое ки Худовандро аз самими қалб мехонанд, аз паи адолат, имон, муҳаббат ва осоиштагӣ бирав.*

Акнун ду чиз бояд кард. Якумаш чист?
**Гурехтан лозим аст!**

**Айюб марди бисёр сарватманд ва боқудрат буд. Ӯ аз Худо метарсид ва мо дар бораи ӯ мехонем:**
***Бо чашмони худ аҳд бастаам, ки ба дӯшиза (= духтар) назар наандозам*. Айюб 31,1**

Масалҳо 7 инро хуб тасвир медиҳад:
**«Эй писарам! Суханони маро риоя намо,**
**ва аҳкоми маро назди худ нигоҳ дорӣ.**
**Аҳкоми маро ҳифз намо ва зиндагӣ бикун,**
**ва таълими маро – ҳамчун гавҳараки чашмони худ;**
**Онҳоро бар ангуштҳои худ бибанд,**
**онҳоро бар лавҳи дили худ бинавис;**
**Ба ҳикмат бигӯй: “Ту хоҳарӣ ман ҳастӣ!”,**
**ва хирадро хешованди худ бихон,**
**То ки туро аз зани ғайр нигаҳдорӣ намояд,**
**аз зани зинокоре ки гуфтори худро нарм мекунад.**
**Зеро ки аз тирезаи хонаи худ,**
**аз равзани худ назар андохтам,**
**Ва дар байни соддадилон дидам,**
**ҷавони беақлеро мушоҳида намудам,**
**Ки дар бозор назди гӯшаи вай мегузашт**
**ва ба роҳи хонаи вай қадам мезад,**
**Дар вақти салқинии бегоҳии рӯз,**
**дар торикии шаб ва дар зулмот.**
**Ва инак, зане аз пеши ӯ баромад,**
**бо либоси фоҳиша ва бо дили пурфиреб,**
**Зани пуршӯр ва беҳаё,**
**ки пойҳои вай дар хонаи вай сокин нест:**
**Гоҳ дар берун аст, гоҳ дар кӯчаҳо,**
**ва назди ҳар гӯша вай камин мекунад.**

**Ва ӯро дошту бӯса кард,**
**ва бо чеҳраи бешарм ба ӯ гуфт:**
**“Қурбониҳои саломатӣ бар зиммаи ман буд:**
**имрӯз назрҳои худро адо кардам.**
**Бинобар ин ба пешвози ту бaромадам,**
**то ки рӯи туро пазирой намоям, ва туро ёфтам.**
**Ҷогаҳи худро бо қолинҳо оростаам,**
**бо сӯзаниҳои пурнақши мисрӣ.**
**Ҷойхоби худро бо мур,**
**уд ва дорчин муаттар кардаам.**
**Биё, ки мо то дами субҳ аз ишқбозӣ сер шавем,**
**сармасти муҳаббат гардем,**
**Чунки шавҳар дар хона нест:**
**ба сафари дур рафтааст;**
**Ҳамёни нуқра ба дасти худ гирифтааст;**
**дар рӯзи моҳи пурра ба хонаи худ хоҳад баргашт”.**
**Бо чарбгӯии зиёд дили ӯро рабуд,**
**бо чоплусии лабҳои худ ӯро фирефта кард.**
**Дарҳол ӯ аз паи вай равона шуд,**
**мисли барзагове ки сӯи кушишхона меравад,**
**Ва мисли аблаҳе – сӯи занҷири ҷазо,**
**то даме ки тир ҷигари ӯро реш кунад;**
**Мисли мурғаке ки сӯи дом мешитобад,**
**ва намедонад, ки он барои ҳалокати ҷони ӯст.**
**Пас, эй писарон, маро бишнавед,**
**ва ба гуфтори даҳони ман диққат намоед.**
**Дили худро ба роҳҳои вай моил накун,**
**ба тариқҳои вай гумроҳ нашавад,**
**Зеро ки вай касони зиёдро ғалтонида маҷрӯҳ кардааст,**
**ва мақтулони (= кушташудагони) вай аз ҳад афзунанд:**
**Хонаи вай роҳҳои дӯзах аст,**
**ки ба таҳхонаҳои мамот фурӯд меоянд»**

Барои ту ҳамчун духтар дар ин ҷо низ огоҳие ҳаст: Зан метавонад сабабгоршавад, ки ҷавонмард сахт афтад. Ту чунин нашав ва орзуманди зиндагии покдоманонаро бош.

***Фикрҳои зерин аз саргузашти чанд наврасон ва ҷавонон ҷамъ шуданд. Онҳоро чун маслиҳати падарӣ ё модарӣ қабул кун, ва на ҳамчун фармони бераҳмона, то аз ҳавасҳои ҷисмонӣ <u>гурехта метавонӣ</u>:***

*А. Дар фикр*

- Нағма накун, оинаро бо худ нагир!
- Ту наметавонӣ аз болои сарат парвоз кардани паррандагонро манъ кунӣ, аммо ту метавонӣ боздорӣ, ки онҳо лона созанд!
- Аз вақтҳои бекор эҳтиёт шав!
- Намон, ки фикрҳоят “гаштан” гиранд!
- Ба васвасаҳо “не“ гуфтанро ёд бигир!
- Худро муфт нишон надеҳ!

*Б. Дар гуфтор*

- Аз сӯҳбатҳо оиди бачаҳо ҳазар кун!
- Суханатро пок нигоҳ дор! Гапҳои думаъно ва шӯхиҳои паст ба масеҳӣ намезебад.
- Танҳо ба ҳамҷинс башорат расон!
- Дар васваса танҳо як роҳ ҳаст: аъқиб! Дар баҳс бой медиҳӣ.

*В. Дар амал*

- Бачаро даст назан!

- Назаратро идора кун!
- Бо гӯш кардани мусиқии ҷаҳонӣ ба худ асоб надеҳ! (Сурудҳои ҳозиразамон бо мавзуни (=ритми) сахт, чунки ин ба ҳиссиёт таъсир мерасонад)
- Аз сурудҳои ошиқии ҷаҳонӣ ҳазар кун!
- Рақси ту чӣ гуна аст? Агар ин барои ту васваса аст, хубтар танҳо байни духтарон рақс кун ва аз бачагон гурез
- Омезиши таркишдиҳанда: мусиқии баланд, наркотик, арақ ва ҷинсият – тараққос, ва ҳаётат сӯхт!
- Чашмонатро идора кун!
- Дар танҳоӣ бо бачае вонахӯр!
- Бо бачае ҳамкорӣ накун, ҳатто ин барои хизмати Худо бошад!
- Масаж кардани пушти бача, шакидани крем зидди офтобзадагӣ (=сагар) ва ғайра номумкин аст!
- Даст ба даст гаштан – инро фаромӯш кун!
- Киноҳо, интернет, китобҳо ва маҷалаҳои нохуб: на ҳама чизро дидан ва донистан лозим аст. Ин чизҳо метавонанд зарари калон ба ҷонат оваранд.
- Телефони ту низ аз Худованд аст – ба бачагон (ва ҳам ба бародарон дар Масеҳ!) занг назан!

## *Г. Дӯстон*

- Намон, ки бача дар пешат дилатро холӣ кунад. Ӯро ба бародари дигар дар Масеҳ супор.

- Принсип: чун талаба ва донишҷӯ муносибати ҷиддиеро бо бача сар кардан хуб нест (Мас. 24:27)
- Агар дугонаҳое дорӣ, ки ба саломатии рӯҳонии ту зарар мерасонанд, беҳтар аз онҳо ҷудо шав! Мумкин ту барои пеши Масеҳ овардани онҳо дар ҳолати ҳозираат қувват надорӣ.
- Дугонаҳоятро аз назар гузарон ва хулоса барор!

*Д. Ҷойҳо*

- Ба дискотека, бар ва чунин ҷойҳо нарав!
- Аз ҷойҳое ки барои ҷони ту зарароваранд ҳазар кун!
- Шабгардӣ накун!

**<u>6. Аз пайи ... бирав</u>**

Гурехтан ними роҳи ҳал аст.

2Тим 2:22: *Аз шаҳавоти(= ҳавасҳои ҷисмии) ҷавонӣ* бигрез *ва бо ҳамаи онҳое ки Худовандро аз самими қалб мехонанд,* ***<u>аз пайи</u>*** *<u>адолат, имон, муҳаббат ва осоиштагӣ</u>* ***<u>бирав</u>****.*

**Аз баъзе корҳо рӯй гардонд, вале ба баъзе чизҳо рӯй овардан лозим аст!**

*А. Дар дил*

- Дар хатоҳои собиқ дар пеши Худо тавба кун!
- Бо Худо аз нав сар кун!
- Дилхушӣ ва розиги худ мақсади зиндагият набошад, балки аз рӯи хости Худо покиза.
- Дар муносибат бо Худо кор кун – ҳар рӯз барои Китоб хондан вақт ҷудо кун!

- Савол доданро ёд бигир:
  - Худованд дар борaи ин фикре ки ҳозир дорам, чиро фикр мекард?
  - Оё Худованд мехост, ки дар ин ҷо бошам?
  - Бо ҳавасҳо ва орзуҳо чӣ кор кунам?
  - Оё меъёри ман дуруст аст?
  - Оё ман шоистаи шавҳари рӯҳонӣ ҳастам?

- Худдориро барои шавҳаршавандаат ғанимат бидон!

- Ба қадри худ бирас! Кӯшиш кун, ки гавҳар байни духтарон бошӣ!

- Ҳолати ҷангии рӯҳониро дарк намо! Гап дар бораи ҷони ту рафта истодааст!
- Вақтро ғанимат бидон, бештар бо хизмат барои Худованд машғул бош!

- Худро пок нигоҳ дор (1Тас. 4:3-5)!

*В. Дар амал*

- Варзиш ва ҳаракат фоидабахшанд

- Рӯйхат навис!

- Либос ва зоҳирии умумиятро бо Калом ҷӯр кун  (1Тим 2:9)!

- Агар ягон ҷо рафтанӣ бошӣ, танҳо бо гурӯҳ ба ҷойҳои хуб бирав!

- Худро бо мусиқии хуби масеҳӣ обод кун!

## 7. Агар вақташ омада бошад...

Эҳтимол баъди баъзе солҳо рӯзе мерасад, ки ҷавонмард ба ту пешниҳод кунад. Хуб аст, агар ту пешакӣ барои ин лаҳза тайёр бошӣ:

*А. Пеш аз пешниҳод:*

- Чун қоидаи якум дар хотир нигоҳ дор: Ҳамсари ғайримасеҳиро гирифтан мумкин нест

- Барои худ рӯйхатеро бинавис. Шавҳари ояндаат чӣ гуна бояд бошад (фелъан, шавққояш, тартибу интизом...). Кӯшиш кун, ки дар бораи ягон кас фикр накарда фикрҳоятро нависӣ. Аммо аз хотир набарор, ки марди комил вуҷуд надорад!

- Вақте ҷавонмард туро сахт ҷалб кунад, ту пеш аз ҳама ба худ савол деҳ:
  - Оё ин ҷавон Исои Масеҳро дӯст медорад?
  - Оё ӯ ба ман дар роҳи имон кӯмак расонда метавонист?
  - Оё ӯ барои имонам санги пешпо мешавад?
  - Оё ӯро чун падари фарзандонам тассаввур карда метавонам?
  - Оё бо ӯ пир шудан мехоҳам?
  - Рӯйхати ман чиро мегӯяд?
  - Оё мо дар сатҳи рӯҳӣ мувофиқат мекунем?
  - Дар вай чӣ маро ҷалб мекунад?
  - Дигарон оиди ӯ чӣ фикр доранд?
  - Оё ман фикр мекунам, ки ӯ беҳтарин шавҳар барои ман аст?

*Б. Вақте ё баъди пешниҳод:*

- Пешниҳод бевосита аст. Агар бача ба ту танҳо *ба воситаи* касе (масалан ҷӯрааш, модараш...) пешниҳод кунад, ӯ ҳоло хом аст. Бигӯ, то ӯ шахсан ба ту пешниҳод кунад, ту дар ин бора намеандешӣ.

- Ҳар пешниҳод аз бача ҷуръати зиёдро металабад. Бинобар ин ҷиддӣ бош ва ҳеҷ вақт дарҳол “не” нагӯ. Ду, се рӯз вақтро талаб кун ва дуо кун!

- Агар ту розӣ бошӣ ҳам, вақтро талаб кун ва дуо гӯй!

- Дуо кун ва бо наздиконат дар ҷамоат дар ин бора сӯҳбат кун!

- Ҷавонмарде ки мегӯяд, Худо ба ӯ ҳама чизро нишон додааст, лекин ту ҳеҷ чизро ҳис намекунӣ, шубҳанок аст.

- Намон, ки ҷавонмард ба ту фишор орад (таҳдиди худкушӣ ё ғайра)!

- Агар ту розӣ бошӣ, аз ҷавонмард илитмос кун, ки дасти туро дар пеши падарат пурсад. Ба ҳадди имкон волидайн бояд иштирок кунанд.

*В. Баъди номзадшавӣ*

- Баъди аҳди фотиҳа мӯҳлати кафшиёти шахсияти ҳамдигар сар мешавад.
- Ҷуфти номзад дар покӣ пеши Худо зиндагӣ кунад (бедор кардани муҳаббат ҳоло даркор нест).
- Дар ёд нигоҳ дор: аҳди фотиҳа шикастан мумкин аст – он паноҳеро ки ҷинсият барои ҳар ду металабад дода наметавонад.

## 8. Сухани шахсии падару модар

Волидони масеҳӣ барои фарзандони худ ғамхорӣ мекунанд. Бихон, ки як модари рӯҳонӣ ба духтарони худ оиди оиладорӣ

чиро менависад. Мактуби дуввум аз падари рӯҳоние ба писаронаш аст ва ба ту хуб нишон медиҳад, ки ҷавонмардӣ ҷавон чӣ гуна талабот бояд дошта бошад ва оё ту ба он мувофиқат мекунӣ?

**<u>Мактуб ба духтарони калонсол аз модари масеҳӣ</u>**

*Духтарони азизи ман*

*Дар зиндагӣ шумо бояд бисёр қарорҳо бароред. Баъзе қарорҳо дар ҷавонӣ карда мешаванд ва ба тамоми ҳаёт таъсир мекунанд. Вазифаи падаратону ман буд, ки ба шумо ёд диҳем, ки бо хирад қарор кунед.*

*Худо Иброҳимро ҷудо намуд, то ки ӯ падари халқи Исроил гардад. Худо медонист, ки ӯ фарзандони худро, ва аҳли байти худро баъд аз худ амр хоҳад фармуд, ки роҳи Худовандро риоя карда, адлу инсофро ба амал оваранд"(Ҳастӣ 18:19) ва барои ҳамин ӯро интихоб кард. Замоне мерасад, ки шумо ба шавҳар мебароед. Ин оятро дар хотир нигоҳ дошта, аз худ пурсед: Оё ин ё он хостгор лоиқ мебуд, ки Худо ба ӯ чунин мерос расонад? Ин ҷавонмард на танҳо ба зиндагии шумо, балки низ ба ҳаёти фарзандони шумо ва фарзандони онҳо таъсир мекунад! Иброҳим пеши писараш Исҳоқ дар имон он гуна намунавӣ зиндагӣ мекард, ки фарзандаш ҳатто ба дараҷаи қурбон шудан худро ба Худо таслим намуд. Исҳоқ ба фармони падар дар хостгорӣ низ таваккул намуд, зеро медонист, ки падараш ба Худованд мечаспид.*

*Фаромӯш накунед, ки чун зан "дар пушти парда" бошед. Шавҳаратон бо дуо, дилбардорӣ ва боварӣ такя намоед. Ӯро ҳурмат кунед, шумо барои вай баракат бошед. Сулаймон суханонеро, ки модараш Батшобаъ ба ӯ дар бораи занон гуфт, дар хотир дошт, вақте ки ӯ навишт: "Шавҳари вай (=зани солеҳа) аз вай дилпур аст, ва ғанимати ӯ камӣ нахоҳад кард. Вай тамоми айёми умри худ ба ӯ некӣ мекунад, ва на бадӣ" (Мас. 31:11.12). Ин хел зан буданро орзу кунед. Шавҳар дар ин гуна*

*муҳит хоҳад шукуфт. Ва нашъунамои шавҳар чӣ гуна бошад, инкишофи фарзандон ҳамон тавр аст.*

*Агар ба хотири кори ночиз дилхунук шуда бошед, ба хотир оваред, ки ҳиси  ранҷиш дар дил паҳн шуда, шуморо бемор мекунад. Миннатдор ва хушҳол бошед. Барои бахшидан тайёр бошед. Фарзандонатон шуморо мушоҳида мекунанд. Агар шумо нисбати падарашон бепарвоӣ, норозигӣ, хафагӣ, ҳиссиёти асабонӣ ё хорбинӣ дошта бошед, онҳо ҳамон тавр амал мекунанд, вале на танҳо нисбати падар, балки низ нисбати шумо. "Ҳикмати зан хонаи варо бино мекунад, вале зани аблаҳ бо дасти худ онро вайрон мекунад" (Мас. 14:1).*

*Сари вақт фарзандонро тарбия кунед. Агар ба якравии тифли яксола роҳ диҳед, одати беитоатиро мепарваред. Дар наврасӣ ин кӯдак беҳтар не, балки бадтар гӯш мекунад. Интизори он набошед, ки аз фарзанди якрав ногаҳон калонсоли худотарс ба воя мерасад. Ӯ дар калонсолӣ он шахсе мешавад, ки дар майдагӣ буд.*

*Нагузоред, ки ғами оила, рӯзгор, ҷамоат ё дунё вақти қимататонро бидуздад. Ба шумо барои муносибат ба шавҳар бисёр вақт даркор аст. Сӯҳбат кунед, бе он ки ҳар замон кӯдакон дар пешатон бошанд. Бо ӯ бихандед ва аз ҳамдигар шод бошед.*

*Шумо метавонед, фарзандонеро калон кунед, ки итоаткор, ҳатто худотарс бошанд, аммо онҳо наҷот надошта бошанд. Методҳову қоидаҳо кифоя нестанд, то ки кӯдакони мо Худоро шиносанд. Исои Масеҳ ба мо* ***зиндагии*** *нав дод,  муносибати мо ба Худо бояд зинда бошад. Бигзор фарзандони шумо нафаси ин зиндагиро дар оилаатон ҳис кунанд. Фарзандоне ки дар хонае калон мешаванд, ки Исои Масеҳро ҳамчун Наҷоткор мешиносанд ва ба Ӯ хизмат мекунанд, инро хуб сарфаҳм мераванд. Агар худи оилаи шумо мақсад барои шумо бошад, шумо аз оилаҳои ҷаҳонӣ фарқ намекунед. Ҳаёти худро барои чизҳои ҳеҷу пуч сарф*

*накунед. Кӯшиш кунед, ки оилаи шумо дар ин дунёи торик нур бошад.*
*Худо моро ба ҷанги рӯҳонӣ даъват кардааст. Фарзандони мо аскарони нав ҳастанд. Мо чун афсар вазифа дорем, ки ба онҳо қоидаҳои муборизаро дар корзори ноаён бо намунаи худ омӯзем. Оила мақсади охирин нест. Оила баракат дар роҳ сӯи осмон аст. Исои Масеҳ ҳанӯз моро аз ин ҷаҳон нагирифтааст, то ки мо дар бораи меҳраш, ки Ӯ дар Ҷолҷолто исбот кард, хабар диҳем. Фарзандони падару модари хизматгори Худо худашон низ хизматгорони Ӯ мешаванд.*
*Бо меҳр,*
*Модаратон*

## Мактуб ба писарони калонсол аз падари масеҳӣ

*Писарони азизи ман*
*Ман тасаввур карда наметавонам, ки ҷаҳони оянда чӣ гуна мешавад, вале то омадани Масеҳ дар ин дунё душманони оила зиёд шудан мегиранд.  Ман мехостам ба шумо баъзе маслиҳат диҳам:*
*Якум, бидонед, ки он арӯсе ки ба занӣ мегиред, умрбод модари фарзандони шумо хоҳад буд. Ягон қарори дигаре нест, ки баояндаи фарзандони шумо ин тавр таъсир кунад. Шояд оилаҳое ҳастанд, ки дар берун нағз метобанд, вале фарзандонашон аниқ медонанд, ки онҳо бо ҳамдигар ҳақиқатан чӣ хеланд. Муносибати шумо бо занатон чӣ тавр бошад, оилаи шумо ҳамон тавр аст.*
*Дар соҳаи муносибат бо занатон кор кунед. Эҳтиёҷоташро пур кунед. Ӯро хушбахт созед. Агар шумо занатонро дӯст доред ва ҳурмат кунед, фарзандони шумо низ ӯро дӯст медоранд ва ҳурмат мекунанд. Агар шумо ба вай хизмат кунед, кӯдакони шумо чунин хизмат мекунанд.*

*Барои ёфтани арӯс, яъне модари фарзандони ояндаатон, аввалан занеро биҷӯед, ки* ***<u>Худованд Исои Масеҳро дӯст медорад</u>*** *<u>ва Ӯро пайравӣ менамояд.</u> Чизе дигар нест, ки ба ин баробар бошад. Ӯ бояд бо ҷидду ҷаҳд дуо карда тавонад. Ду одами ҳамфикр даркоранд, то ки "аробаи оиларо дар роҳи зиндагӣ" рост пеш баранд. Танҳо зани масеҳӣ инро иҷро мекунад (2Қӯр. 6:14).*

*Дуввум,* ***<u>арӯси шоддилро</u>*** *интихоб кунед. Шояд ба шумо ин хислат муҳим наменамояд. Вале ин бисёр вақт бори зиндагиро сабуктар мекунад. Духтаре ки пеш аз тӯйяш норозӣ аст ва худро бадбахт ҳис мекунад, худ ба худ дигаргун намешавад. Ҳар одам дар равиши зиндагӣ ба мушкилӣ дучор мешавад. Духтари шоддил ва хушбахт аллакай ёд гирифта аст, ки масъалаҳоро чӣ хел ҳал кунад ва бо вуҷуди ин душвориҳо хушбахтона зиндагӣ намояд. Одаме нест, ки тавонад зани норозиро хушбахт кунад. Зане ки ин шодиро аз чашмаи равони Худо меёфта бошад, дар оиладорӣ чун модар ба васваса намеафтад.*

*Бо ҳам равона будан мисли ҳангоми баҳор дар боғ сайругашт кардан аст. Тамоми муҳит умедро тасвир медиҳад. Аммо оиладорӣ мисли фасли тирамоҳ аст. Чӣ гуна будани замину тухмӣ маълум мешавад. Ошкор мешавад, ки кадом кирмакҳоро бояд нобуд кард, кадом алафи бегонаро кандан лозим аст ва дар куҷо соя ба рӯидани гулҳо халал мерасонад. Барои интихоб кардани зан ва модари фарзандони худ бисёр дуо кунед. Духтаре ки зуд меранҷад ва гиря мекунад, то ки дили шуморо ба даст оварад, ҳангоми оиладорӣ мисли занҷири пой мегардад. Шоддилӣ ҳамчун хислати духтар дар он вақт маълум мешавад, ки шароитҳо комил нестанд.*

*Сеюм, духтаре ҷустуҷӯ кунед, ки* ***<u>миннатдор</u>*** *аст. Агар духтар нисбати оилаи худ ё нисбати шароиташ қӯрнамак бошад, зиндагӣ бо шумо инро дигаргун намекунад. Миннатдорӣ на танҳо ҷавоб ба шароит, балки баёноти дил мебошад. Аз*

*духтари бад, кӯрнамак ва норозӣ ҳазар кунед! Хислатҳо ва фелъи одам баъди оиладорӣ дигаргун намешаванд.*
*Бачагони ман, ба муносибати арӯс бо падараш нигоҳ кунед. Фарқ надорад, ки оё вай падари хуб аст ё ки не. Агар ӯ зидди падар хезад, ду баробар зиёд зидди шумо мехезад. Агар ӯ беҳурматона дар бораи падараш гап занад, бо шумо ҳамон тавр хоҳад кард.*
*Чорум, аҳамият диҳед, ки вай **<u>меҳнатдӯст</u>** аст. Духтари танбал ва камҳаракатро ба занӣ нагиред! Зебоӣ чӣ фоида дорад, агар духтар танҳо дар ҷогаҳаш шинад?*
*Танҳо он арӯсеро гиред, ки дилпур аст, ки шумо беҳтарин мард дар дунё ҳастед. Зане, ки фикр мекунад, ки шояд марди беҳтаре мебуд, аз шумо ҳамеша норозӣ мешавад.*
*Духтареро, ки аз зебоии худ дилпур аст, барои худ ҷудо накунед. Беҳтараш он қадар хушрӯ набошад, вале шуморо дӯст дорад. Чӣ фоида аз зане, ки тамоми солҳо танҳо барои зебоии нобудшаванда мекӯшад? Зиндагӣ бисёр бой аст, ва ҳайф мебуд, ки он дар пеши оина бо фикрҳои дилгир гузаронида шавад.*
*Аз духтаре ки барои "мансаб"-и худ берун аз хона кор кардан мехоҳад, ҳазар кунед! Зан мададгори мард аст.*
*Охирин хислати писандида **<u>фарзанддӯстӣ</u>** аст. Рӯзе мешавад, ки шумо – Худо хоҳад – фарзандони худро хоҳед дошт. Зане ки фарзандонро гирди худ нахоҳад, дар роҳи беумедӣ равона аст.*
*Акнун мехоҳам ба шумо дар бораи падарии некдил насиҳат диҳам: Шумо, ки ҳанӯз ҷавон ва муҷаррад ҳастед ва бефарзандонед, коре кунед, ки бояд карда шавад: барои оиладорӣ тайёрӣ бинед! Бинед, ки касбу кори шумо барои падари хуб шудан монеа нашавад. Падароне ки дар мансабу вазифа комёб мешаванд, падарони бад мешаванд. Агар тамоми ҷаҳонро ба даст меовардед, вале ҷонҳои кӯдаконатонро барбод медодед, чӣ фоида медидед? Баъзе падарони боғайрат эътироз мекунанд, ки меҳнаташон танҳо барои манфиати оила аст. Вале солҳое ки онҳо, масалан дар Русия гузаронданд, канда аз фарзандонашон*

*дуздидаанд. Комёбӣ корӣ муваққатист, вале бачагон доимӣ ҳастанд. Шумо чун падарон ба писарону духтарон даркор мешавед, то бо онҳо муборизаҳои зиндагиро гузаронида, якҷоя ғалаба кунед.*

*Вале эҳтиёт шавед: Вазифаи таъмин кардани оиларо иҷро кунед. Шумо ҷавобгаред, ки фарзандонатон хӯроку пӯшок дошта бошанд. Агар шумо танбалӣ кунед, зани шумо маҷбур аст, ки берун кор кунад ва набуданаш дар хона ба фарзандони шумо зарар меоварад – ва шумо дар ин айбдор мешавед!*

*Нақши падарро аз рӯзи якум иҷро кунед. Баъзе соатҳо навзодро нигоҳубин карда, зиндагии занатонро сабук гардонед. Фаромӯш накунед, ки зани шумо тамоми рӯз бо кӯдакон ҳаст, ва вай ҳам бояд дам гирад.*

*Ба занатон чун ба гули нозук нигоҳ кунед. Ҳомиладорӣ ва зоидан аз зан бисёр қувват металабад. Агар хоҳед, ки вай корашро хушбахтона анҷом диҳад, дастгирии шумо даркор мешавад.*

*Фарзандонатонро бо худ ба тамошо гиред. Муҳитатонро бо ҳар яки онҳо аз нав кашф кунед. Имкон диҳед, ки бачагонатон дар кор бо ин чизҳо фантазияашонро инкишоф диҳанд: коғаз, чӯб, апилка, рег, болға, меғ ва дигар.*

*Як қоидаи муҳим аст, ки ҳар қадар бисёртар вақтро бо кӯдаконатон гузаронед, ҳамон қадар камтар мушкилӣ дар интизом доред. Кӯдаке ки падарашро дӯст медорад, зудтар итоат мекунад. Ягон кӯдак нест, ки зидди дӯсташ шӯриш кардан мехост. Ҳангоме синни тифлакон калонтар аст, шумо бо онҳо китобчаҳои суратдор тамошо кунед. Достонҳои Китоби Муқаддасро аз майдагӣ ба онҳо нақл кунед. Табиатро чун ганҷи ҳикмати Худо ба онҳо шиносонед.*

*Фикр накунед, ки дертар ягон вақт вазифаи падариро иҷро мекунед. Не, шумо аз зода шудани кӯдакон падар мешавед. Кӯдаке ки бе шумо мерӯяд, вай мисли растании помидор аст, ки баста нашудааст. Вай ба ҳар тараф шоха медавонад ва дар*

*дарун алафи нодаркор пайдо мекунад. Мевааш дар замин сурх нашуда, мепӯсад.*

*Падаре ки дар ҳақиқат "ҳаст", яъне доим аз аҳволи фарзандонаш хабар дорад, тапиши дили кӯдакашро мешиносад. Аҳамияти ӯ ба фарзанд на танҳо ҳангоми беодобӣ карданаш аст. Ӯ корҳои хуби кӯдакро мебинад ва ӯро таъриф менамояд. Кӯдакро аз сарзаниш кардан даҳ маротиба зиёдтар таъриф кунед. Агар бачагон бе диққати падару модар калон шаванд, худро чун фарзандони таркшуда эҳсос менамоянд. Ҳузури доимии шумо лозим аст.*

*Намонед, ки танҳо модарашон тарбияи рӯҳониро назорат кунад. Вагарна, кӯдакон бо тасаввуроте калон мешаванд, ки имон танҳо чизе барои занҳо аст. Ҳангоми хобондани кӯдакон шумо бошед. Ба онҳо Каломи Худоро нақл кунед ва дуо кунед.*

*Ба фарзандон пастиву баландиҳои зиндагиро фаҳмонед. Ҳар он чи онҳо мехоҳанд, ба онҳо надиҳед. Ҳама чизро дастрас карда натавонистани шумо ҳатто хуб аст ва барои онҳо дарс барои зиндагӣ мешавад. Ҳаёт бе мубориза комёб буда наметавонад. Агар на ҳама вақт қанд, шоколад ва ширинии дигар дастрас набошад, ин ба зарари кӯдакон нест. Баръакс, ин тавр онҳо ёд мегирад, ки на ҳар замон ҳама барои онҳо медаванд, ва бе он чизҳо низ зиндагӣ карда метавонанд. Агар хӯроки дар мобайн мехӯрдаашон онҳоро чунон сер кунад, ки дар сари дастархон нахӯранд, ин чизҳоро аз онҳо боздоред.*

*Ҳар яки мо ягон хӯроке дорад, ки хӯрданашро дӯст намедорад. Ба фарзандонатон барои як ё ду чиз иҷозат диҳед, ки нахӯранд, вале аз ҳама чизи дигар, ки дар рӯи дастархон аст, бояд хӯранд. Агар кӯдак онро хӯрдан нахоҳад, бигзор хӯрок нахӯрад. Камтар рӯзадорӣ фикрронияшро дигаргун месозад. Фарзандоне ҳастанд, ки нисбати хӯрокхӯрӣ хеле нозуканд. Ба ин гуна кӯдакон бо он чизҳоеро, ки дӯст намедоранд, хӯронед, то хӯрдани онҳоро ёд гиранд.*

*Ба мӯд аҳамият надиҳед. Розӣ набошед, ки ҷаҳон ба шумо ва фарзандони шумо ёд диҳад, ки чӣ гуна либос пӯшидан ё чӣ гуна причёска доштан даркор аст. Ченаки шумо Китоби Муқаддас аст, на созандагони мӯди Париш ё Москва. Дили фарзандони шуморо бо киноҳои ҳиндӣ ё амрикоӣ расво накунед. Фикрронии онҳо бояд аз тарафи Каломи Худо ва намунаи масеҳӣ таъсир ёбад. Агар ба оилаи худ зарар расондан хоҳед, як телевизор бо DVD харед ва ба ихтиёри фарзандонатон супоред.*

*Оилаи масеҳӣ аз як падар, як модар ва кӯдакон иборат аст. Онҳо якҷоя зиндагӣ мекунанд, механданд, дӯст медоранд, кор ва бозӣ мекунанд, мубориза мебаранд ва барои бузургии Худо тан медиҳанд.*

*Ба шумо мақсаде даркор аст, ки аз ҳама чизи ҳозиразамон муҳимтар аст. Шумо фарзандонро на барои муддати муваққатӣ тайёр мекунед, балки барои абадият! Ҳазрати Одам писарро ба сурати худ пайдо кард. Шумо низ писарону духтаронеро, ки ба шумо монананд, ба дунё меоваред. Тамоми ҳаракатҳои шумо бояд бо як назар сӯи осмон амалӣ гарданд. Он чӣ мешавад доимӣ, рӯҳонӣ ва осмонист. Вале он чизе ки дар пешатон ҳаст заминӣ, ҷисмонӣ ва гузаранда аст. Орзуи шумо наҷоти фарзандонатон бошад. Ин хоҳиши бузург аст ва шумо метавонед ёрӣ расонед, ки онҳо даъвати Худоро зудтар қабул кунанд.*

*Худо ҳикматро чун ҷавоб ба илтиҷои мо медиҳад. Муҳаббат муҳимтарин фармон аст, манманӣ душмани калонтарин аст, Тавроту Инҷил ягона манбаи тарбия аст, Рӯҳулқудс пуштибони мост, ва хуни Масеҳ ягона умеди мост. Бигзор майдони дар пеш бударо тай намоем. Зеро "меҳнати шумо пеши Худованд бар абас нест". (1Қӯр. 15:58)*

*Бо меҳр,*
*Падаратон*